**Андози низоми содакардашуда**

Меъёри андози низоми содакардашуда ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад (м. 380 КА ҶТ):

- барои фаъолияти андозсупорандагони дар моддаи 375 КА пешбинишуда, ба истиснои андозсупорандагони дар қисми 4 моддаи 375 КА муайяншуда – **6 фоиз**;
- барои фаъолияти андозсупорандагони дар қисми 4 моддаи 375 КА пешбинишуда - меъёрҳое, ки дар қисми 4 моддаи 183 КА муқаррар карда шудаанд.

Моддаи 183 КА ҶТ

4. Даромади андозбандишавандаи шахси ҳуқуқӣ бо меъёрҳои зерин андозбандӣ карда мешавад:

- барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо - 13 фоиз;

- барои фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ширкатҳои мобилӣ - 20 фоиз;

- барои фаъолият оид ба истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ, инчунин барои ҳама намуди фаъолияти дигар, ба истиснои сархатҳои якум ва дуюми қисми мазкур, - 18 фоиз.